# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) (ш. Душанбе, 2026 сол).**

Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он ифода мегардад, ки моҳияти ташкили мақомоти олии судӣ дар шароити муосир таҳлили мукаммал, таҳқиқи бунёдӣ ва муносибати таърихнигоронаро ба раванди ташаккул ва рушди низоми судҳо дар ҳудуди давлатҳои ҷудогона, тақозо менамояд. Бахри иҷрои вазифаи гузошташуда мувофиқи мақсад аст, ки марҳилаҳои асосии таърихи рушди мақомоти олӣ дар низоми судии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор дода шаванд. Дар шароите, ки давлат ухдадорӣ оид ба эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба зимма мегирад, суд на танҳо ҳамчун мақомоти баррасии баҳсҳо, балки ҳамчун кафили асосии амалӣ гардидани ҳуқуқҳои бунёдии шахс баромад мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар илми ҳуқуқшиносӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтани фаъолияти судҳои иқтисодӣ басо мубрам ва муҳим арзёбӣ гардида, аксарияти кишварҳои ҷаҳон, аз қабили Тоҷикистон таваҷҷуҳи асосиро бештар ба фаъолияти соҳибкорӣ равона карда, ҷиҳати густариш ёфтани он кӯшиш карда истодаанд. Дар шароити муосир дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои хусусияти иқтисодӣ дошта дигаргун шуда, маҳз фаъолияти соҳибкориву муносибатҳои бозоргонӣ омили асосии таъмини ҳаёти шоистаи ҳар як фарди ҷомеа мегардад. Судҳои иқтисодӣ баҳсҳоеро

мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки онҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа аҳамияти хоссаро доро мебошанд. Фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти иқтисодӣ баҳри ташаккул ва ривоҷи давлат нақши муассирро касб мекунанд. Инчунин ҳадафи таҳқиқоти диссертатсия аз маҷмуи таҳлили комплексии санадҳои судӣ, ки характери мурофиавӣ доранд, иборат мебошад.

Бо пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар соҳаи қонунгузорӣ таҷдидҳои зиёде ба назар мерасанд, ки ин аз боз ҳам савияҳои донишро сайқал додани ҳар як фарди бомаърифат дарак медиҳад. Давоми солҳои охир қонунгузории самти судӣ низ мунтазам такмил дода шуда, дар таъмини адолати судӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодии ҷамъиятӣ ва ба ин васила барои боло рафтани мақоми судҳои иқтисодӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар мусоидат карда истодаанд. Фаъолияти судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои Истиқлолият маҳз бо мақсади баланд бардоштани сифати адолати судӣ ва таъмин намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт равона карда шудаанд, ки дар раванди рушди нишондиҳандаи иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Мубрамияти мавзуи мазкур ҳамчунин бо равандҳои муосири ислоҳоти судӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Дар шароите, ки талабот ба адолати судӣ, мустақилияти суд ва дастрасии воқеии шаҳрвандон ба он афзоиш меёбад, масъалаи таҳкими асосҳои назариявии ҳокимияти судӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Бидуни дарки қонуниятҳои таърихӣ ва назариявии рушди ин институт, ташаккули сиёсати судӣ - ҳуқуқии устувор ва ҳамоҳанг душвор мегардад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавзуи мазкур дорои аҳаммияти махсус мебошад, зеро таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани нақши он яке аз самтҳои муҳимми рушди давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, таҳқиқоти таърихӣ–назариявии фаъолияти онҳо метавонад ҳамчун заминаи илмӣ барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ ва ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии муосир хизмат намояд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар илми ҳуқуқи ватанӣ бори аввал таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккулёбӣ ва рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ ва тафовути он аз судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ мавриди таҳқиқи мукаммали илмӣ қарор дода шудааст. Дар таҳқиқот асосҳои ташкилию фаъолияти судҳои иқтисодӣ, мавқеи онҳо дар низоми ҳамоҳангии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва аҳаммияти онҳо дар ҳалли баҳсҳои дорои хусусияти иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Нововарии таҳқиқот инчунин дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, самаранокии фаъолияти судҳо ва заминаи назариявии такмили механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои хусусияти иқтисодӣ дошта мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гиранд. Ин хулосаҳо дорои аҳаммияти назариявӣ ва методологӣ буда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди назарияи ҳуқуқ ва давлат истифода шаванд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида бо равиши пайдарпайи илмӣ, интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ ва таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва назариявии ҳуқуқ таъмин карда шудаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносиро истифода намудааст, аз ҷумла усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, таҳлили низомӣ, муқоисавӣ, тафсири доктриналӣ ва таҳлили индуктивию дедуктивӣ, ки ба ҳосил гардидани натиҷаҳои илмӣ асоснок мусоидат намудаанд.

Эътимоднокии хулосаҳои илмӣ, пеш аз ҳама, ба омузиши фарогири таълимоти ҳуқуқӣ, осори мутафаккирони классикӣ ва муосири назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин таҳлили равандҳои воқеии ташаккул ва рушди институти судҳои иқтисодӣ такя мекунад. Хулосаҳо дар заминаи муқоисаи пайдарпайи андешаҳои илмии гуногун ва ҷамъбасти интиқодии онҳо таҳия гардида, мавқеи илмии муаллиф бо далелҳои назариявӣ асоснок карда шудааст.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо мутобиқати мантиқии онҳо ба

мақсад ва вазифаҳои диссертатсия таъмин мегардад. Ҳар як хулосаи илмӣ ҳамчун унсури низоми умумии таҳқиқ баромад намуда, дар ҳамбастагӣ бо дигар натиҷаҳо моҳият ва табиати ҳуқуқии мавзуи таҳқиқро ошкор менамояд. Дар кор равиши яктарафа ба масъала роҳ дода нашуда, мавқеъҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлили интиқодӣ қарор гирифтаанд.

Эътимоднокии тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умуминазариявӣ ва методологӣ дошта, ба такмили фаҳмиши илмии фаъолияти судҳои иқтисодӣ, моҳият ва нақши онҳо дар танзими муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ равона гардидааст. Ин тавсияҳо метавонанд барои такмили заминаи ҳуқуқӣ, беҳтар намудани амалияи судӣ ва таҳкими принсипҳои адолати судӣ дар раванди баррасии баҳсҳои иқтисодӣ мусоидат намоянд.

Дар маҷмуъ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо далелҳои кофии илмӣ асоснок гардида, эътимоднокии онҳо шубҳаовар нест.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо дараҷаи баланди илмӣ анҷом ёфта, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 206 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуи таҳқиқ аз ҷиҳати

назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳияёбии илмии масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ нишон дода шудааст. Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳ муайян намуда, объект ва мавзуи таҳқиқро дуруст ҷудо кардааст. Ҳамчунин, дар ин қисмат навгонии илмии кор, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо, усулҳои таҳқиқ, заминаи эмпирикии диссертатсия, инчунин сохтор ва ҳаҷми кор нишон дода шудааст.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи умумии ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ва муосир»** ба таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккул ва инкишофи таърихии судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ва муосир бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф бо истифода аз равиши таърихӣ–назариявӣ раванди ташаккули марҳилаҳои инкишофи судҳои иқтисодиро дар Тоҷикистони таърихӣ дар иртибот бо рушди давлат, ҳуқуқ ва адолати судӣ пайгирӣ менамояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки бо бунёд ва рушди муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ зарурияти таъсиси низоми судии дорои салоҳияти махсус, ки маҳз дар баррасии баҳсҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидорӣ масъуланд, ба миён омад. Дар баробари ин, шарти зарурии такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии хоҷагӣ дар соли 1995 ба миён омада, ба қабули ду санади нав: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардида, ки заминаи ҳуқуқии низоми сохтори судӣ ва мурофиаи судии судҳои иқтисодӣ гаштанд. Бори аввал соли 1995 бо рушди таҷрибаи судии фаъолияти судҳои иқтисодӣ Кодекси мурофиавии хоҷагӣ қабул гардид, ки он танзими фаъолияти судҳои иқтисодиро амалӣ менамуд. Ташаккул ёфтани низоми судҳои иқтисодӣ бо қабули барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ низ алоқамандӣ дошта, бо тасдиқи он Кодекси нав қабул гардид.

Муаллиф ба таври асоснок зикр месозад, “Пешрафт ва рушду нумуи низоми судии дар соҳаи иқтисодӣ масъул дар Тоҷикистон бо табдил додани

арбитражи давлатӣ ба судҳои арбитражӣ (ҳакамӣ) амалӣ гардида, дар раванди рушди мустақилонаи мақомоти судӣ мусоидат менамояд” (саҳ.22).

Ба таври асоснок хулосабарорӣ мешавад, ки “дар Тоҷикистони Шуравӣ рушди марҳилаҳои асосии инкишофи судҳои иқтисодӣ таърихи тулониро аз сар гузаронидаанд. Мавҷудияти ин гуна судҳо дар баҳри пешрафти соҳаи иқтисодиёт, соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ муҳим буда, на танҳо дорои хусусиятҳои хоси батанзимдарорӣ балки фарогири падидаву принсипҳои хоси худ мебошанд. Вобаста ба талаботи замон ва рушди ҷомеа боз ҳам такмил додани вазъи он мувофиқи мақсад мебошад» (саҳ.40).

**Дар боби дуюм** муаллиф таваҷҷухро бештар ба мавқеъ, салоҳият ва фаъолияти ин ниҳодҳо аз нигоҳи муқоисавӣ баррасӣ кардааст. Дар ин бахш, пеш аз ҳама, мақоми Суди иқтисодии ИДМ ҳамчун мақоми байнидавлатӣ тавсиф ёфта, доираи ваколатҳои он, тартиби баррасии баҳсҳо ва аҳамияти қарорҳои он барои давлатҳои аъзо таҳлил мегардад. Ҳамзамон, хусусиятҳои ташкиливу ҳуқуқии судҳои иқтисодии давлатҳои алоҳидаи аъзои ИДМ мавриди омӯзиш қарор гирифта, монандиҳо ва фарқиятҳои асосии онҳо муайян карда мешаванд. Ба ин тартиб, низоми ташкили судҳо, салоҳияти онҳо дар баррасии баҳсҳои иқтисодӣ, тартиби мурофиаи судӣ ва сатҳи мустақилияти судҳо дар ҳар як давлат ба таври муқоисавӣ таҳлил мегардад. Дар натиҷа, бартариҳои низоми амалкунандаи судҳои иқтисодӣ ошкор шуда, имкониятҳои такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ пешниҳод карда мешаванд. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки нақши Суди иқтисодии ИДМ дар ҳамоҳангсозии муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ ва рушди ҳамкориҳои ҳуқуқӣ миёни давлатҳои аъзо ба таври возеҳ дарк карда шавад.

Дар маҷмуъ, боби дуюм дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии баланд буда, дар он асосҳои ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ ва миллӣ ба таври фарогир таҳлил карда мешаванд. Тавассути омӯзиши муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди низоми судҳои иқтисодӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ

муайян гардида, таҷрибаи пешқадам ва мушкилоти мавҷуда ошкор карда мешаванд.

Инчунин, дар боб роҳҳои такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ пешниҳод гардида, нақши онҳо дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва таъмини адолати судӣ асоснок карда мешавад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҳуқуқии байни давлатҳои аъзо ва такмили низоми судии миллӣ заминаи мустаҳкам фароҳам оваранд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** муаллиф масъалаҳои марбут ба ҳифз ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар раванди баррасии баҳсҳои иқтисодӣ мавриди таҳлили қарор дода мешаванд. Дар ин бахш бо истифода аз таҷрибаҳои судӣ ва бо таҳлили санадҳои судӣ амалияи воқеии татбиқи қонунгузории иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Тавассути омӯзиши қарорҳо ва таъинотҳои судӣ, хусусиятҳои баррасии баҳсҳои иқтисодӣ, сатҳи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ва самаранокии механизмҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқ муайян карда мешаванд.

Ҳамзамон, заминаҳои меъёриву ҳуқуқии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалии эътирофгардида таҳлил шуда, сатҳи мутобиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Дар маҷмуъ боби мазкур ба равшан намудани нақши воқеии судҳои иқтисодӣ дар низоми ҳифзи ҳуқуқи инсон ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди онҳо мусоидат мекунад.

Хулосаи диссертатсия ҳамчун ҷамъбасти ниҳоии таҳқиқот баромад намуда, натиҷаҳои асосии дорои аҳаммияти назариявиро фаро мегирад. Ин натиҷаҳо ба таҳлили амиқи моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва қонуниятҳои инкишофи институти мавзуи таҳқиқ дар раванди таърихӣ ва дар доираи назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат равона шудаанд.

Дар баробари ин, муаллиф натиҷаҳои дорои аҳаммияти амалӣ

пешниҳод менамояд, ки онҳо ба амиқтар намудани дарки илмии рушди фаъолияти босамари судҳои иқтисодӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин такмили равишҳои илмӣ дар омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва адолати судӣ равона шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи консепсияҳои илмӣ, таҳқиқоти минбаъда, инчунин дар фаъолияти таълимӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар ҷараёни омӯзиши фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва адолати судӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳо дар таҳкими устувории ҳуқуқӣ ва пешгӯишавандагии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, ки дар маҷмуъ ба беҳтар гардидани фазои ҳуқуқӣ ва коҳиш ёфтани хавфҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд. Фаъолияти самараноки судҳои иқтисодӣ яке аз шартҳои муҳими рушди устувори муносибатҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, тақвияти эътимоди ҷомеа ба ҳокимияти судӣ ва таҳкими арзишҳои адолат, қонуният ва баробарӣ дар назди қонун ифода меёбад. Таҳқиқоти анҷомёфта ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқии ҷомеа ва рушди минбаъдаи давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 8 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия дар натиҷаи фаъолияти илмии мустақилонаи муаллиф таҳия гардида, дорои пайдарпайии мантиқӣ ва ҳамоҳангии сохторию мазмунӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии асоснок, инчунин маводи илмии интишорёфта ва маърузаҳо дар чорабиниҳои илмию амалӣ, саҳми шахсӣ ва мустақими муаллифро дар иҷрои таҳқиқоти мазкур ба таври возеҳ тасдиқ менамоянд. Илова бар ин, тарзи баён, сатҳи масъалагузорӣ ва усули таҳқиқотӣ хусусияти мустақили кори илмии муаллифро инъикос мекунанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Бо вуҷуди сатҳи умумии баланди таҳқиқ ва арзиши назариявии пешниҳодшуда, дар диссертатсия як қатор баҳсҳое ҷой доранд, ки дар ҷараёни ҳимояи диссертатсия шарҳу тавзеҳи иловагиро тақозо менамоянд:**

1. Муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки “Татбиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, вусъат ёфтани муносибатҳои бозорӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи мутамаддин, ислоҳоти минбаъдаи низоми мақомоти судиро тақозо мекард. Ҳамин тавр бори дуюм – 22 июни соли 2003 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки ин тағйиру иловаҳо барои ҳокимияти судӣ низ, аз қабили аз 5 то 10 сол тамдид кардани мухлати ваколати судяҳо равона карда шуда буд” (саҳ.55). Матн

мазмунан дуруст аст, аммо барои дақиқият мувофиқ мебуд мушаххастар нишон дода шавад, ки боз кадом тағйиру иловаҳо ба ҳокимияти судӣ дахл дошта, каме равшантар баён карда шаванд.

2. Дар таҳқиқоти мазкур манбаҳои илмӣ ва таҷрибаи судии кишварҳои ИДМ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, масъалаҳои баррасишаванда бо истинод ба адабиёти назариявӣ ва мавқеи олимони соҳаи ҳуқуқ асоснок карда шудаанд. Бо вуҷуди ин, доираи боз ҳам васеи истифодаи маводи амалияи судӣ ва таҳлили муқоисавии он, хусусиятҳои татбиқи қонунгузорӣ дар кишварҳои ИДМ ва қарорҳои судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ бо ҷалби манбаҳои муосири хориҷӣ метавонист заминаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқро боз ҳам равшан инъикос намояд.

3. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф ба таҷрибаи воқеии фаъолияти судҳои иқтисодӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард. Истифодаи қарорҳои судҳои иқтисодӣ ва мавқеъҳои ҳуқуқии онҳо ҳамчун манбаи мустақили ташаккули низоми ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ метавонист робитаи байни меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва татбиқи амалии онҳоро равшантар намуда, хулосаҳои илмиро боз ҳам асосноктар гардонад, хусусан дар доираи таҳлили муқоисавии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ.

Бо вуҷуди ин камбудиҳои зикршуда, ба арзиши илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди мавзуи таҳқиқ хизмат намоянд.

Дар маҷмуъ, эрод ва баҳсҳои зикршуда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро заиф намекунад ва ба муҳтавои кори илмии пешниҳодгардида таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи

таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Дотсенти кафедраи назарияи
давлат ва ҳуқуқи АИДНПҶТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдулхонов Ф.М.

Суроға:734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кучаи Маяковский 75/5
тел: +992 933339946.E-mail: faiz-7704@ mail.ru

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А.Н.

«14.» 05. 2026 с.

Суроға: 734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел.: 2-24-17-86, факс: 2-24-83-93
Почтаи электронӣ: info@apa.tj